Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев 17/6)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Масъалаҳои таҳлилу пажуҳиши воҳидҳои мураккаби луғавӣ аз нигоҳи сохтор, маъно ва воситаҳои тарҷумаи онҳо ҳам дар забоншиносии тоҷик ва ҳам дар забоншиносии англис мақоми хоса дошта, барои дурусттар дарк намудани вижагиҳои хоси забонҳои мавриди назар мусоидат мекунанд. Мавзуи интихобшуда низ дар айни замон хеле мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Кори диссертатсионии мазкур аз муқаддима, 3 боб, хулоса, тавсияҳои илмӣ ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

Муқаддимаи диссертатсия фарогири қисматҳои муайяни таҳқиқот буда, дар он мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ баён гардидааст.

Мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузоштаи муҳаққиқ аз лиҳози илмӣ асоснок кардашуда буда, онҳо дар рафти пажуҳиш ҳалли худро ёфтаанд.

Нуктаҳои асосии диссертатсия дар 13 мақолаи муаллиф инъикос ёфтаанд, ки 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Боби якуми кор назариявӣ буда, дар он ҷанбаҳои назариявии таҳқиқоти воҳидҳои мураккаби луғавӣ ва сохторҳои нимтиредори забонҳои мавриди назар аз нигоҳӣ муқоиса баррасӣ шудаанд.

Боби дуюм таҳлили роҳу воситаҳои ташаккулёбии воҳидҳои мураккаби луғавӣ ва сохторҳои нимтиредори забонҳои англисӣ ва тоҷикиро ба таври

муқоиса дар бар мегирад. Дар ин боб вожаҳои мураккаб илман хеле дақиқ таҳлил карда шудаанд.

Боби сеюм қисмати асосии таҳиқот ба шумор меравад ва дар он хусусиятҳои тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои муқоисашаванда ба роҳ монда шудааст. Масалан, таҳлили калимаи мураккаби «***фаллоқдорон-the falloq-holders»*** ва вожаҳои ***land-locked, high-water*** ва ***high-water*** дар ҷумлаи ***«****The place was entirely* ***land-locked****, buried in woods, the trees coming right down to* ***high-water*** *mark, the shores mostly flat, and the* ***hill-tops*** *standing round at a distance in a sort of amphitheatre, one here, one there – Гулӯгоҳ* ***аз сетараф нағз маҳкам*** *буд. Вай дар байни ҷангалҳои зичрӯйида гум шуда мерафт. Дарахтзорҳо аз худи* ***назди об*** *сар мешуданд. Соҳилҳо ҳамвор буданд. Аз дур* ***теппаҳо*** *монанди амфитеатр менамуданд»* аз нуқтаи назари илмӣ хеле хуб таҳлил карда шуда, роҳи дурусти тарҷумаи онҳо нишон дода шудаанд ва барои хонанда низ ҷолиб мебошанд.

Дар хулосаи кор андешаҳои муаллиф инъикос гаштаанд ва дар қисмати тавсияҳои илмӣ тавсияҳои хуби илмӣ пешниҳод карда шудаанд.

Новобаста аз муваффақиятҳо дар таҳқиқоти мазкур чанд норасоиҳое ба мушоҳида мерасанд:

1. Беҳтар мебуд барои пурра дарк намудани мавзуъ дар автореферат маълумот ва таҳлилҳо оид ба боби дуюм бештар оварда мешуданд.
2. Хатоҳои имлоӣ ва техникӣ низ дар ҷо ҷои автореферат вомехӯранд.

Камбудиҳои номбурда ҷузъӣ буда, мазмуну муҳтавои таҳқиқотро коста намегардонанд.

Натиҷаҳои аз таҳқиқ ба дастомада ва маводи дар диссертатсия гирд овардашуда метавонанд барои илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик саҳми назаррасе дошта бошад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки автореферати мавриди тақриз дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30

июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муҳаққиқи он лоиқи дарёфт намудани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои филологӣ, муаллими
кафедраи забоншиносии Филиали
Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе Фазилова Шахноза Камилджоновна

Имзои Фазилова Шахноза Камилджоновнаро тасдиқ мекунам:
Сардори ШСК ва КМ Шариф С.С.

Суроға:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Бохтар, 35/1
Телфон: (+992)9187-75-25-07
Email: shahnozafozilova@mail.ru

31.08.22